**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Султонова Сурайё Абдурашидовна дар мавзӯи “Методикаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - назария ва методикаи таълиму тарбия (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ).**

Рисолаи таҳқиқии Султонова Сурайё Абдурашидовна ба омӯзиши ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Дар робита ба ҳамин масъала рақобатпазирии мутахассиси муосир ҳам ба азхуд кардани ихтисоси ояндаи донишҷӯ ва ҳам ба фарҳанги гуманитарӣ, тафаккури пешрафтаи эҷодӣ, тарбиятнокии ӯ вобастагӣ дорад. Доктринаи миллии таҳсилоти олии техникии ҶТ ҳамчун яке аз принсипҳои ташаккули талабот ба фаъолияти мутахассиси техникии оянда, инчунин мундариҷаи таҳсилоти олии техникӣ равиши ахлоқӣ-гуманистиеро пазируфтааст, ки он вусъат додани таваҷҷуҳро ба проблемаҳои дорои аҳамияти умумиинсонӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ба таҳлили масъулияти ахлоқӣ ва иҷтимоии муҳандисон ва барномасозони оянда барои натиҷаҳои фаъолияти касбӣ пешбинӣ менамояд. Дар робита ба ин, вазифаи ташаккулдиҳии қисмати таркибии иҷтимоӣ-фарҳангии салоҳиятҳои умумифарҳангӣ, ки дар Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии ҶТ сабт гаштааст, аҳамияти вижаро соҳиб мешавад.

Муҳиммияти таҳқиқот аз он бармеояд, ки инкишофи равобити байналмилалӣ ва тағйирёбии сифатии онҳо, байналмилалишавии ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ сабаби афзоиши нақши забони хориҷӣ дар ҳаёти инсон гардидааст. Дар шароитҳои ҳамгироии саросарии фарҳангҳои мамолики гуногун, суръати афзоиши аҳолии тамоми олам,

густурдагии доираи шуғл, рушди сайёҳӣ, робитаҳои шахсӣ донистани забони хориҷӣ зарурати ҳаётие мешавад, ки он дар назди назарияи таълими забони хориҷӣ проблемаҳои нави ҷавобгӯи талаботи муосири ҷомеаро мегузорад.

Тавре ки унвонҷӯ Султонова С.А. кайд мекунад, мафҳуми салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҳамчун огоҳӣ аз заминаи иҷтимоӣ-фарҳангии истифодаи забон қиёсан дар замони начандон дур ба дастгоҳи мафҳумии назарияи таълими забони хориҷӣ ворид шуд, аммо масъалаҳои таълими фарҳанги ғайрзабонӣ кайҳо боз мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар таҳқиқи ҳамгироии қисматҳои фарҳанг дар ҷараёни таълими забонҳои хориҷӣ олимони зиёде ҳиссаи назаррас гузоштаанд. Вале масъалаҳои муайян кардани маҷмӯи омилҳои ташаккули босамараи салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии муҳандис, барномасоз, робитагари оянда ва дигарон, таъсири раванди мазкур ба шахсияти донишҷӯи муассисаи таҳсилоти олии техникӣ айни замон мавриди таваҷҷуҳи зарурӣ қарор нагирифтаанд.

Султонова С.А. таҳқиқоти олимонро дар соҳаи дидактика ва коммуникатсияи байнифарҳангӣ таҳлил намуда, иброз медорад, ки миёни қисматҳои сегона: забон, фарҳанг, коммуникатсия пайванди ногусастанӣ вуҷуд дорад. Забон воситае мебошад, ки барои ҷамъ намудан, маҳфуз доштан ва аз насл ба насл интиқол додани иттилооти андӯхташуда имкон медиҳад. Яке аз вазифаҳои забон аз он иборат аст, ки фарҳанги миллатро гирд меорад ва нигоҳ медорад. Фарҳанг низ вазифаи тавъами нигоҳдорӣ ва таҳвил намудани донишҳои коллективии навъи муайянро иҷро мекунад. Забон ва фарҳанг ба таври ҷудонашаванда бо ҳам вобастаанд, бидуни донистани забон ва фарҳанг коммуникатсияи байнифарҳангӣ имконпазир нест.

Қобили зикр аст, ки мутобиқи таҳлили фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишии Султонова С.А. кори мақсаднок оид ба ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ дар асоси модели таҳияшуда бо татбиқи шароитҳои педагогии ҷудокардашуда бештар

дараҷаҳои баланд ва миёнаи ташаккули маҳоратҳои мавриди таҳқиқро дар мутахассисони ояндаи муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ таъмин мекунад.

Натиҷаҳои асосии бадастомадаи таҳқиқот  дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинару тренингҳо васеъ баррасӣ  шудаанд. Мақолаҳо мазмуну муҳтавои рисоларо пурра инъикос мекунанд.

Дар баробари ин дар рисолаи тақризшаванда баъзе камбудиҳо ба назар расиданд:

1. Унвонҷӯй возеҳ иброз накардааст, ки сабаби баланд гардидани дараҷаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни гурӯҳҳои озмоишӣ дар чист.

2. Дар матни русии автореферат ғалатҳои грамматикӣ ва услубӣ мавҷуданд.

Албатта камбудиҳои нишондодашуда арзиши илмию амалии рисолаи мазкурро паст карда наметавонанд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи анҷомдодашуда ба унвонҷӯ имкон додааст, ки оид ба роҳҳои самараноки татбиқи технологияи педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии  донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ дар раванди таълими забони англисӣ ба дастовардҳои нави илмӣ ноил гардад.

Натиҷаҳои ба дастомада ба ихтисоси диссертатсия ҷавобгӯй мебошанд. Мазмун ва муҳтавои автореферат, мақолаҳои илмии дар нашрияҳо чопшуда ба мавзӯи таҳқиқоти илмӣ, иҷрои мақсаду вазифаҳои дар пеш истодаи муаллиф мувофиқат мекунанд.

Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро дар бар мегирад ва ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он

Султонова Сурайё Абдурашидовна сазовори дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - назария ва методикаи таълиму тарбия (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) мебошад.

**Доктори илмҳои филологӣ, профессор,**
**мудири кафедраи забони тоҷикии**
**Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон**
**ба номи Абӯали ибни Сино** **Қосимов Олимҷон Ҳабибович**

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 139.
Тел.: +992 907764421
Email: olimjonk@yandex.ru

14.05.2021 с.

МДТ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН ба номи АБӮАЛИ ИБНИ СИНО
РАЁСАТИ РУШДИ КАДРӢ
УПРАВЛЕНИЕ РАЗВИТИЯ КАДРОВ

имзои/подпись Қосимов О.Ҳ.-ро

ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК

«14» 05 2021 с/г